**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,**
**_______________ профессор Ғаффорӣ Н.У.**
**10 январи соли 2021**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзӯи «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 09 – Фолклоршиносӣ**

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамчун шоири боистеъдод ва шахсияти маъруфи таърихӣ аз замони зиндагиаш ва пас аз он, то замони мо бо номи неку ашъори мондагораш вирди забони хосу ом қарор гирифтааст. Дар хусуси шахсият, ҳунару истеъдоди фардӣ, хислатҳои наҷиб, афкори бикру шевои содаву дорои мантиқи бузурги ӯ аз давраи рӯзгораш то ба ҳол осори зиёди гуфторӣ, илмиву фарҳангӣ эҷоду интишор ғардидааст. Ин масъала аз замони Сомониён ва пас аз он дар ҳеч давру замонҳо мавқуф гузошта нашуда, баръакс аз як сада ба садаи дигар зиёда ва доманадортар мегардад. Чунки устод Рӯдакӣ нахуст шоирест, ки ба ҷанбаҳои муҳимми адабиёт, махсусан, бо анвоъи гуногуни адабӣ, тавонистааст эҷодиёташро ганӣ гардонад. Аз ин ҷост, ки ӯро бо унвонҳои бузурги адабӣ, ба мисли “устоди шоирони Аҷам”, “поягузори адабиёти классикии форсии тоҷикӣ”, “Одам уш-шуаро» ва ғайра мушарраф донистаанд. Бо вуҷуди чунин таваҷҷӯҳ ба ҳаёту фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳанӯз ҳам масъалаҳои номуайян дар бораи ин нобигаи илму адаб мавҷуданд, ки пажӯҳиши жарфтари онҳо вазифаи ояндаи илмҳои мухталиф, аз ҷумла улуми фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик мебошад.

Дар миёни сарчашмаҳои рӯзгор ва осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ нақлу ривоятҳо ва ёддошту ҳикояҳои мардумӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд, ки новобаста аз гирдоварӣ ва мавриди пажӯҳишҳои ҷузъӣ қарор гирифтанашон, ҳанӯз ҳам ба таври комил ва илмӣ омӯхта нашудаанд. Аз он ҷумла, муайян намудани нақши ривояту нақлҳои мардумӣ дар мушаххас сохтани шахсият, муносибати ӯ бо шоҳони Сомонӣ, ҳунару истеъдод, масоили нобиноӣ, ҳакимӣ, ошиқӣ, даврони кӯдакиву наврасӣ ва соири хислатҳои ҳамидаи инсонии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба пажӯҳиши васеъ ва густурда ниёз доранд. Илова бар ин, ҷанбаи таъсирпазирии ашъори ӯ аз осори шифоҳӣ ва баръакси он, алоқамандии осори гуфтории халқ бо нигоштаҳои шоир ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Масъалаи дигари мавриди таваҷҷӯҳ бозтоби ҷашнҳои миллии ниёгон ва боварҳои мардумӣ дар шеъри Рӯдакӣ мебошад, ки пажӯҳиши он ба таври илмӣ боиси тақвияти ҳуввияти миллӣ ва арҷгузоштан ба таъриху фарҳанги гузаштагонамон мегардад, ки низмто ҳадде омӯхта нашудааст. Ҳамчунин, шахсияти ривоятиву

таърихии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар муқоиса гузошта нашудааст ва умумияту фарқияти ин ду чеҳра ташхис нагардидааст. Чунин масъалаҳои марбут ба шахсият ва рӯзгору осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз зумраи масоили ҳалталаби улуми фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик мебошанд ва диссертатсияи барои тақриз пешниҳодшудаи унвонҷӯ Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович бо унвони “**Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**” маҳз чун иқдоми боварибахш дар пажӯҳиши густурдаи онҳо ба шумор меравад. Муаллифи диссертатсия дар мадди аввал, сарчашмаҳои дастрас, маводи муҳимми илмӣ ва тадқиқотиро омӯхта, дар муайян намудани шахсият ва ҳунару истеъдод, ҷанбаҳои дигари рӯзгор ва эҷодиёти Рӯдакӣ то андозае даст ёфтааст.

Дар шарҳи муҳиммияти **мавзӯи диссертатсия** мо бо муаллиф ҳамақида ҳастем, зеро муайян намудани шахсияту рӯзгор ва ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба таври куллӣ дар заминаи нақлу ривоятҳои мардумӣ ва осори китобӣ талаби илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик аст. Дар ҳаллу фасли масъалаҳои марказии пажӯҳиши илмӣ муаллиф аз тарзи нави асли илмӣ, яъне истифодаи маводи фолклорӣ ҳамчун воситаи ташхис истифода намудааст, ки он ба раванди баррасии мақсаду вазифаҳои илмии ба нақша гирифташуда мувофиқати пурра дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он зоҳир мегардад, ки рисолаи пешниҳодшуда қадами аввалин дар омӯзиши нақши ривоятҳо, ба мақсади боз ҳам беҳтар ва дақиқтар муайян намудани санаҳои таърихӣ ва ҳаётии даврони Рӯдакӣ, муқоисаи онҳо бо ашъори шоир, маҳорати шоир дар истифода аз дурдонаҳои мардумӣ ва таъсири бевоситаи фолклори мардуми тоҷик ба ҳунари эҷодии ӯ мебошад. Дар доираи чунин таҳлил бори аввал дар илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик нақши ривоятҳо дар муайян намудани дараҷаи ҳунармандии шоир, шахсият ва хулқу симои ӯ таҳлил гардида, таъсири тарафайни ашъори шоир ва осори шифоҳӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба он равона шудааст, ки натиҷаҳои таҳлил ва тарзи пажӯҳиш дар рисола арзишҳои махсуси назариро барои илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, дар диссертатсия нахустин маротиба се тарзи зерини таҳлили ҳаёт ва эҷодиёти шоир ба роҳ монда шуданд, ки барои пажӯҳишҳои минбаъда ҳамчун усули назарӣ истифода шудани онҳо мувофиқи мақсад мебошад:

1) Муқоисаи воқеаҳо ва санаҳои ривоятҳои мардумӣ дар бораи Рӯдакӣ бо санаҳои воқеии ҳаёти шоир ва тасдиқ ё инкори мавҷудияти воқеии онҳо.

2) Таҳлили ҳунар ва истеъдоди шоир дар масъалаи истифода аз намунаҳо, асотир, гуфтор, ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақолҳо, чеҳраҳои асотирӣ ва амсоли инҳо, ки нишондиҳандаи ҳунари ӯ, аз як

тараф ва нишондиҳандаи сабаби маъруфияти ӯ дар миёни омма, аз тарафи дигар, гардиданд.

3) Таҳлили ҷойгоҳи ҷашну маросимҳо ва боварҳои мардумӣ дар ашъори Рӯдакӣ ҳамчун намунаи дониш ва ифтихори баланди миллии шоир, ки арзиши бузурги тарбиявӣ ва маърифатиро доро мебошад.

Ҳамин тавр, қимати аслии назарии диссертатсия дар таҳлили гурӯҳбандии ривоятҳои мардумӣ, дар муайян намудани шахсият ва ҳунару истеъдоди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, аз як тараф, ва таҳлили ҳунари шоирии Рӯдакӣ дар заминаи истифодаи моҳирона аз адабиёти шифоҳӣ, аз тарафи дигар, зоҳир мегардад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз он бармеояд, ки маводи дар диссертатсия таҳлилшуда метавонад ба ...таври дастрас ва сода дар таълиму тадриси хонандагони мактабҳои миёна ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардад, зеро он барои таҳияи китобҳои дарсӣ мувофиқ аст ва инчунин, метавонад дар курсҳои махсуси омӯзишии фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ мавриди истифода қарор гирад.

Муҳтавои диссертатсия барои илмҳои таърих, санъатшиносӣ ва мардумшиносӣ низ маводи хуби илмиро барои омӯхтани шахсияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ пешкаш менамояд.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб ва шонздаҳ фасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва рӯйхати гӯяндаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима муаллифи диссертатсия дар бораи муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшаванда, таҳлили дараҷаи пажӯҳиши он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асоси методологӣ ва ҳадафу вазифаҳои тадқиқот ва арзишҳои назариву амалии он мулоҳизаронӣ намудааст.

Боби якуми диссертатсия "**Рӯзгор ва чеҳраи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ривоятҳои мардумӣ**" унвон дошта, ривояту нақлҳои омиёнаи тоҷик дар ҳафт фасл таҳлилу баррасӣ шудаанд. Дар фаслҳои ҷудогонаи ин боб масъалаҳои муҳимми марбут ба рӯзгор ва шахсияти Рӯдакӣ аз назари ривояту нақлҳои мардумӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия, ки "**Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва адабиёти шифоҳӣ**" номгузорӣ шудааст, аз шаш фасл иборат мебошад. Дар ин боб масъалаҳои таъсирпазириву алоқамандии ашъори Рӯдакӣ бо осори шифоҳӣ, ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти шоир бо мисолу далелҳо таҳлил карда шудаанд. Муаллифи диссертатсия барои исботи афкораш аз ашъори шоир ва эҷодиёти шифоҳӣ мисолҳо оварда, ҳамчунин дар мавридҳои зарурӣ онҳоро муқоиса намудааст.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони "**Тасвири ҷашну маросимҳо ва боварҳои мардумӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**" қарор дода шудааст, ки дар он таҳлили масъалаҳои марбут ба унсурҳои улуми фарҳангшиносӣ, мардумшиносӣ, адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии алоқаманд бо ашъори устод Рӯдакӣ ба анҷом расида, аз чаҳор фасл иборат мебошад. Дар фаслҳои ҷудогонаи ин боб муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҷанбаҳои ҳунарии шоирро дар бозтоб намудани ҷашну маросимҳо ва бовару эътиқодоти мардумӣ дар шеъри ӯ таҳлил намояд.

Диссертант дар асоси далелҳои муътамад сабабҳои алоқамандии ашъори Рӯдакӣ бо осори мардумиро, ки боиси хонотар ва мардумитар шудани шеърҳои ӯ гардидааст, муайян менамояд ва ин яке аз дастовардҳои муҳимми пажӯҳиш ба ҳисоб меояд. Натиҷаи муҳимми дигари пажӯҳиши унвонҷӯ муайян намудани чеҳра, муносибату шахсият ва масоили мухталифи рӯзгори шоир аз диди осори халқӣ дар мисоли ривояту нақлҳо мебошад, ки барои шинохти Рӯдакӣ то андозае аҳаммият дорад.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври ҷомеъ натиҷаҳои таҳқиқ баён гардидаанд. Феҳрасти адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Ба ҳамин тартиб, муҳаққиқ дар ҷараёни пажӯҳиш маводи хеле зиёд ва арзишманде гирд овардааст ва барои эътимод бахшидан ба андешаҳои хеш ба асарҳои тадқиқотии фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намуда, андешаҳои хешро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзӯи мавриди назар баён кардааст ва гоҳо ба андешаҳои онҳо ангушти интиқод баланд мекунад.

Диссертатсия бо забони илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи он заҳмати зиёде кашидааст, то ки дар атрофи ин мавзӯъ кори илмии судманде ба анҷом расонад.

Дар баробари комёбиҳои арзишманди илмӣ дар диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳснок ва ислоҳталаб ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро меафзояд, аз ҷумла:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия дар як – ду сархат ҷумлаҳо бо ҳам часпида оварда шудаанд, яъне меъёри байни калимаву ҷумлаҳо аз рӯи талаботи ҷорӣ риоя нагардидааст (рисола саҳ. 5 - 16).

2. Дар боби аввали диссертатсия дар баъзе фаслҳо хулосаҳои ҷиддӣ кам ба назар мерасанд. Масалан дар фасли дуюм, ки “Муносибати Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо амирони Сомонӣ дар ривоятҳои мардумӣ” унвон дорад, чунин норасоӣ дида мешавад (рисола саҳ. 33).

3. Қасидаи “Омад баҳори хуррам...”-и Рӯдакиро таҳлил карда, муаллифи диссертатсия онро мансуб ба нақши ҷашни бостонии Наврӯз дар рӯзагор муаррифӣ менамояд. Таҳлил хуб анҷом шудааст, вале дар асл ин қасида ба тасвири баҳор бахшида шудааст на мустақиман ба ҷашни Наврӯз (рисола саҳ. 130-133).

4. Хуб мебуд, агар диссертант дар рӯйхати адабиёти истифодашуда асарҳоро аз рӯйи хранология меовард (рисола саҳ. 163-170).

5. Фасли сеюми боби сеюми диссертатсия “Инъикоси бовару эътиқодоти мардумӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” номгузорӣ шудааст ва дар он баъзе масъалаҳои марбут таҳлили қобили таваҷҷӯҳ анҷом ёфтааст. Аммо, ба назари ин ҷониб, хуб мебуд, агар сарлавҳа мушаххасан боварҳо ва эътиқодоти таҳлилшударо инъикос мекард, зеро дар фаслҳои гузашта низ баъзе аз масъалаҳои пажӯҳишёфта ба боварҳо ва эътиқодот марбут буданд (рисола саҳ. 149-150).

Ниҳоят, таъкид карданием, ки камбудиҳои дар боло зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, ҳаргиз қимати илмии рисоларо иаст карда наметавонанд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 8 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Исмоилов Ф.Х. дар мавзӯи “Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” тадқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.09. – Фолклоршиносӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки унвонҷӯ баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласа 14 нафар устодон иштирок дошта, 14 нафар овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 14 нафар, “бетараф”- 0, “муқобил” – 0. Протоколи № 5, аз 10.01.2021.

**Раиси ҷаласа,**
**номзади илми филология** — **Саидов Саидрахмон**

**Котиби ҷаласа,**
**ассистенти кафедра** — **Самиева Ниссо**

**Эксперт, доктори илми филология,**
**профессор** — **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович**

**Имзои С. Саидов, Н.Самиева,**
**Ш.А.Солеҳовро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ** — **Назаров Давлатхон**

**Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 121.**
**Тел.+992(37) 224 13 83**
**E-mail:tgpu@mail.ru**
**www.tgpu@ mail.ru**